Дар бораи тасдиқи «Тартиби барӯйхатгирии (инвентаризатсияи) молу мулки андозсупоранда (агенти андоз ба истиснои биноҳои истиқоматӣ) ҳангоми гузаронидани санҷиши андоз»

Мутобиқи сархати ҳаштуми қисми 1 моддаи 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Тартиби барӯйхатгирии (инвентаризатсияи) молу мулки андозсупоранда (агенти андоз ба истиснои биноҳои истиқоматӣ) ҳангоми гузаронидани санҷиши андоз тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Фармоиши мазкур бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.
3. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» нашр намудани Фармоиши мазкур чораҷӯӣ намояд.
4. Шӯъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ Фармоиши мазкурро ба мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.
5. Фармоиши мазкур баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
6. Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 сентябри соли 2007, таҳти № 4-ф «Дар бораи тасдиқ намудани Низомнома «Дар бораи тартиби гузаронидани инвентаризатсияи амвол ва гардиши воситаҳои пулии андозсупорандагон (бидуни амволи манзилҳои истиқоматӣ) ҳангоми санҷиши андоз», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 октябри соли 2007, таҳти №308 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.
7. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи Муовини якуми Раис Солиев А.М. вогузор карда шавад.

**Раис Н. Давлатов**